# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Назаров Тоҳирҷон Холмуминович дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.08.02.-Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ).

Дар ҷараёни гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи устувори рушд, тарбияи экологӣ ва такмили қобилияти маърифатӣ-экологии насли наврас ва ҷавон мавқеи хосро пайдо мекунад.

Дар ин давра соҳаи маориф, муҳаққиқон ва мутахассисони илми педагогикаро зарур аст, ки дар ташаккули шахсият ва маърифати экологии хонандагон масъул буда, бояд ба таҳияи нақшаҳои мушаххас ва татбиқи он назари нав ва амалҳои тозаро роҳандозӣ намоянд. Инчунин дар баланд бардоштан ва ташаккули маърифати экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва ҳамзамон аҳолии мамлакат саҳмгузор бошанд.

Масъалаи омодасозии омӯзгорон ба таълим ва тарбияи экологии мактаббачагон аз ҷониби муҳаққиқон С.С. Мирзоев «Тарбияи экологии хонандагони синфҳои 9-11» (1995), А.В. Миронов «Мазмуни тарбияи экологии муаллими оянда» (1989), С. Холназаров «Системаи педагогии таълими касбию экологии омӯзишгоҳи ояндаи химия дар мактабҳои олии Тоҷикистон» (2011) С. Холназаров, Ҷ. Ёров «Асосҳои назариявӣ ва амалии ташаккули салоҳиятнокии экологии хонандагон (2019) баррасӣ ёфта, андешаҳои ҷолиб ҷиҳати роҳандозии онҳо дар раванди таҳсил пешниҳод гардидааст.

Ҳарчанд дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ масъалаҳои таълиму тарбияи экологии хонадагон баррасӣ шуда бошанд ҳам, он ҳама талаботи таҳсилоти муосирро дар робита бо муносибати босалоҳият ба таълиму тарбияи экологии хонандагон қонеъ карда наметавонад. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуъ ва коркарди илмии он аз тарафи Назаров Тоҳирҷон Холмуминович дар марҳилаи қонунии рушди маориф ва илми педагогика хело ҷолиби диққат буда , ба таҳқиқоти мубрами рӯз махсуб будани он далолат медиҳад.

Аз ҷониби муаллифи рисола дар заминаи омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ, таҳқиқи паҳлуҳои мубрами салоҳияти экологии

донишҷӯён-омӯзгорониояндаи фанни биология консепсияи ташаккули маърифати экологии муҳассилин коркард ва пешниҳод гардида, инчунин, тавассути таҳияи барномаи санҷишӣ оид ба таҳқиқи сатҳи донишандӯзӣ, ташаккули маҳорат, малака ва салоҳиятнокии омӯзгорониояндаи биология озмоиши муқарракунанда ва омӯзишӣ доир кардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот***:*

– асосҳои назариявӣ ва методологии омодагии экологии омӯзгорониояндаи биология дар шароити таҳсилоти муттасил мушаххас карда шуд;

– низом ва сохтори маърифати экологӣ, парвариши ҳисси майлу рағбат ва кӯшиши ҳифзи муҳити зист дар заминаи ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён-омӯзгорониояндаи фанни биология муайян карда шуда, аҳамияти он дар ҷараёни таълим ва тарбияи фарҳанги экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуд;

– омилҳо ва принсипҳои мураттабсозии мазмуни таълим ва тарбияи экологии донишҷӯён-омӯзгорониояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ мушаххас карда шуд;

– роҳҳои самарабахш ва принсипҳои дидактикии таълим ва ташаккули салоҳиятмандии экологии омӯзгорониояндаи фанни биология коркард ва муқаррар гардид.

Аз ҷониби муаллифи рисола дар заминаи омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ, таҳқиқи паҳлуҳои мубрами салоҳияти экологии донишҷӯён-омӯзгорониояндаи фанни биология консепсияи ташаккули маърифати экологии муҳассилин коркард ва пешниҳод гардида, инчунин, тавассути таҳияи барномаи санҷишӣ оид ба таҳқиқи сатҳи донишандӯзӣ, ташаккули маҳорат, малака ва салоҳиятнокии омӯзгорониояндаи биология озмоиши муқарракунанда ва омӯзишӣ доир кардидааст.

Рисола аз муқаддима, тавсифи умумии кор, ду боб, бахши хулоса бо зербахшҳои натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, бахши номгӯи адабиёт бо зербахшҳои феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда ва феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ иборат аст.

Тартиб ва танзими автореферати диссертатсияи унвонҷӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мутобиқ буда, диссертатсияи Назаров Тоҳирҷон Холмуминович дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорониояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02.-назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) пешниҳод гардидааст, кори баанҷомрасидаи илмию таҳқиқотӣ буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст пурра мутобиқат мекунад ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02 – назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) сазовор мебошад.

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
директори Маркази омӯзиши "Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон" - и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайдаҳмадзода Дилором

**Суроға**: 734025, ш.Душанбе, к.Саид Носир 33.
E-mail: Sdi6868@mail.ru Тел. (+992) 933700600.
10.03.2023с.

*Имзои Сайдаҳмадзода Диломромро тасдиқ мекунам:*
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Ҳамидов Ш.Б.